# 15 АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ

Довталаб ҳуқуқ дорад ба Марказ **аризаи апеллятсионӣ диҳад**, агар:

- **тартиби баргузории имтиҳон (қисми А ё Б) дар маркази имтиҳонӣ риоя нашавад;**
- **аз холҳои барои субтестҳои қисми А ё Б ба ӯ гузошташуда норозӣ бошад.**

Довталаб аризаи апеллятсиониро оид ба риоя нагардидани тартиби баргузории имтиҳонҳо **рӯзи имтиҳон**, **аз маркази имтиҳонӣ берун набаромада,** ба роҳбари маркази имтиҳонӣ бояд пешниҳод намояд. Аризаи апеллятсионии довталаб дар ҳолатҳое баррасӣ карда мешавад, ки агар ба як ё якчанд масъалаи зерин дахл кунад:

- *нодуруст (хилофи тартиби протоколи рафти имтиҳон) шинонидани довталабон, нодуруст тақсим кардани китобчаҳои тест, штрихкодҳоро дар варақаҳои ҷавобҳо дуруст начаспонидани маъмури имтиҳон;*
- *варианти китобчаи тестро дар варақаи ҷавобҳо ғалат қайд кардани довталаб (**оид ба ин ва масъалаи боло довталаб метавонад баъд аз имтиҳонҳо, на дертар аз мӯҳлати муқarrаргардида, пас аз эълони натиҷаҳо ба комиссияи апеллятсионии Марказ низ муроҷиат намояд**);*
- *риоя нагардидани тартиби баргузории имтиҳонҳо, ки ба натиҷаи кори довталаб таъсири манфӣ расонидааст;*
- *ёрӣ расонидани маъмури имтиҳон ба довталаб(он) ҳангоми иҷрои тест;*
- *додугирифти маводди ёрирасон (шпаргалка) байни довталабон ё бо ҳам суҳбат кардани онҳоро дар синфхонаи имтиҳон дидани маъмури имтиҳон ва эътибор надодан ба он;*
- *ошкор шудани маводди истифодааш мамнуъ дар имтиҳон ва чорае надидани маъмури имтиҳон дар ин маврид.*

Намояндаи ваколатдори Марказ маводди дахлдорро, ки дар рафти санҷиши ҳолат(ҳо)и дар аризаи апеллятсионии довталабон баёншуда таҳия ва ба даст оварда шудааст ва хулосаи комиссияро низ рӯзи анҷоми санҷиш ба комиссияи апеллятсионии Марказ барои қабули қарори дахлдор мефиристад. Комиссияи апеллятсионӣ аризаҳои довталабонро оид ба риоя нагардидани тартиби баргузории имтиҳон (қисми А ё Б) дар маркази имтиҳонӣ баррасӣ карда, дар асоси хулосаи комиссияи кории ҳар маркази имтиҳонӣ дар бораи натиҷаи санҷиши ҳолат(ҳо)и дар аризаи апеллятсионии довталабон баёншуда ва баррасии маводди дахлдор қарор мебарорад ва онҳоро аз ин огоҳ менамояд.

Аризаи апеллятсионии довталаб дар бораи норозӣ буданаш аз натиҷаи имтиҳон – қисми А ё Б бояд **дар давоми то 3 рӯзи пас аз эълони натиҷаи имтиҳонҳо** ба Марказ ё бахшҳои минтақавии он дар шакли чопӣ ё бо почтаи электронии Марказ пешниҳод карда шавад. Аризаи апеллятсионии довталаб дар бораи норозӣ буданаш аз холҳои барои субтестҳои қисми А ё Б ба ӯ гузошташуда дар ҳолатҳое баррасӣ карда мешавад, ки агар ба як ё якчанд масъалаи зерин алоқа дошта бошад:

- *ғалат будани саволу масъалаҳои тест;*
- *арзёбии нодурусти натиҷаи имтиҳони довталаб;*
- *ба довталаб мансуб набудани варақаи ҷавобҳо, ки дар кабинети инфиродии ӯ гузошта шудааст.*

Комиссияи апеллятсионӣ аризаҳои довталабонро дар бораи норозӣ будан аз натиҷаи

имтиҳонҳо (холҳои дар имтиҳонҳо (қисми А ё Б) ба онҳо гузошташуда) баррасӣ карда, қарори дахлдор мебарорад ва онҳоро аз ин огоҳ менамояд.

Довталаби аз натиҷаи имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус норозиро зарур аст, аризаашро бо далелҳои мушаххас асоснок карда, ба комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимие, ки дар он чунин имтиҳонҳоро супоридааст, дар **рӯзи эълони натиҷаҳои ин имтиҳонҳо** пешниҳод намояд. Инчунин, агар довталаб аз натиҷаи имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ норозӣ бошад, бояд аризаашро вобаста аз қисми Г.1 ё Г.2 бо далелҳои мушаххас асоснок карда, мувофиқан ба комиссияи апеллятсионии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ё Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар **рӯзи эълони натиҷаҳои ин имтиҳон** пешниҳод намояд. Ин аризаҳоро комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимии дахлдор тибқи тартиби муқарраркарда баррасӣ карда, қарор мебарорад (*Мӯҳлати қабули аризаҳо вобаста ба ҳар даври имтиҳонҳо –* ***нигаред ба “Тақвими ИМД-2026”, замимаи 1***).

!

- **Аризаи апеллятсиониро бояд сари вақт пешниҳод намоед. Аризае, ки пас аз мӯҳлати муайяншуда пешниҳод мегардад, баррасӣ намешавад.**
- **Барои навиштани аризаи апеллятсионӣ вобаста ба ҳолати риоя нагардидани тартиби баргузории имтиҳон (қисми А ё Б) аз маркази имтиҳонӣ набаромада ба роҳбари маркази имтиҳонӣ муроҷиат намоед. Варақаи аризаро аз роҳбари маркази имтиҳонӣ дархост кунед.**
- **Сабаби навиштани аризаро асоснок кунед. Аризаи беасос баррасӣ нахоҳад шуд.**
- **Пеш аз навиштани ариза дар бораи норозӣ буданатон аз холҳои гузошташуда барои субтестҳои қисми А ё Б бояд нусхаи варақаи ҷавобҳои имтиҳонатонро аз кабинети инфиродӣ дастрас карда, ҷавобҳоятонро аз варақаи ҷавобҳои худ бо ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволу масъалаҳои тест, ки дар сомонаи Марказ пас аз ҳар имтиҳон гузошта мешавад, муқоиса кунед, то ки бовар ҳосил намоед, ки даъвоятон асос дорад.**
- **Агар то рӯзи охирини муқарраршуда натиҷаи аризаи Шумо маълум нашавад, дарҳол ба Марказ муроҷиат намоед.**
- **Аризаҳои апеллятсионӣ дар бораи норозӣ будан аз натиҷаи қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус) ва қисми Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) дар Марказ қабул карда намешавад.**